# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ).**

Омӯзиши вижагии ибораҳои номӣ яке аз қисматҳои муҳимми грамматика ба шумор рафта, пажуҳиши он дар насри мусаҷҷаъ заминаҳои хеле хуби омӯзишии онҳо ба шумор меравад ва бидуни пажуҳиши амиқу мукаммали таърихӣ ошкор намудани вижагиҳои грамматикию маъноии ин ва ё он асаре, ки дар фонди осори миллату нажод чун маъхази нодир боқӣ мондааст, имконнопазир аст. Омӯхтани ибора махсусан барои забони тоҷикӣ аҳаммияти калон дорад, зеро забони тоҷикӣ низ ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ шомил аст. Дар забони тоҷикӣ бештари мавридҳо маънои грамматикӣ ва луғавии калима ба воситаи алоқаҳои байни калимаҳо ошкор мегардад, ки иштироки ибора дар ҷумла ба маънои он равшанӣ медиҳад. Ин далели он аст, ки таҳқиқ ва омӯхтани ибора хусусан барои забони тоҷикӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мувофиқ ба маълумотҳои дар автореферат овардашуда айён аст, ки диссертатсияи номбурда ба баррасии вижагиҳои ибораи номӣ дар насри мусаҷҷаъ ва махсусиятҳои корбурд, ифоданокӣ ва муассирии онҳо аз рӯйи осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Навгониҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур дар забоншиносии тоҷик нахустин таҳқиқи илмӣ оид ба «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ буда, асосан, қолабҳои ибораоройӣ, навпардозиҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, арзишҳои адабию ирфонӣ, забону услуби эҷодӣ ва мавқеи ибора дар қиссаву ҳикояҳои таъсирбахш бори аввал ба баррасии муфассал фаро гирифта шудаанд. Илова бар ин, дар диссертатсия сохтори грамматикии ибораҳои номӣ баррасӣ гардидааст. Ғайр аз ин, хусусиятҳои корбурди ибора, таҳаввули сохтор ва маънои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ таҳқиқ шудааст. Ибораҳо аз рӯйи алоқаҳои пешояндӣ, изофӣ ва ҳамроҳӣ таҳқиқ гардидаанд.

Муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия бо назардошти меъёри муқарраргардида онро муаррифӣ намуда, мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, ки кор дар заминаи онҳо иҷро гардидааст, баён менамояд. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ муҳаққиқ вазифа, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологӣ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ , нуктаҳои илмӣ ва асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда,аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мубрамияти мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ҳангоми таҳқиқ, тасвиби амалии таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ мавзуи диссертатсияро асоснок намуда, сохтори онро муайян намудааст.

**Боби аввали** диссертатсия “Вижагиҳои ибораҳои номӣ ва мавқеи он дар насри мусаҷҷаъ” унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар боби мазкур ва фаслҳои он сухан дар мавриди дараҷаи омузиши ибора дар забоншиносӣ ва ҳамчунин дар бораи насри мусаҷҷаъ ва нақши ибораҳо дар ҷумлаҳои дорои саҷъ, меравад.

Мавқеъ ва нақши ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаи «Расоили форсӣ» басо доманадору боиси таваҷҷуҳ аст. Ибораҳои номӣ дар асари мазкур дар ҳама навъи ҷумлаҳо ва бо ҳама навъи алоқаи синтаксисии ибора истифода гардидааст. Истифодаи ҳама гуна ибораҳои номӣ дар таълифи рисолаҳои ӯ нақши бунёдӣ дорад, зеро худи ибора хусусияти ҷумлаофариву матнофариро доро буда, яке аз муҳимтарин қисмати синтаксис ҳисобида мешавад.

**Боби дуюм**и диссертатсия «Вижагиҳои корбурди ибораҳои номӣ дар “Расоили форсӣ”-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, се фасли алоҳидаро дар бар мегирад. Боби мазкур дар бораи ибораҳои сода ва мураккаб, инчунин дар бораи тарзу усулҳои истифодаи ибораҳо дар насри мусаҷҷаъ маълумот дода мешавад. Ҳамчунин дар бораи таҳаввулоти ибораҳо дар қолабҳои классикӣ ва истифодаи онҳо дар рисолаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ низ дар фаслҳои боби мазкур таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст.

**Боби сеюми** рисола «Таснифи сохтории ибораҳои номии “Расоили форсӣ” аз рӯйи алоқа» ном дошта, се фаслро дар бар мегирад. Ҳамаи фаслҳо боз дар навбати худ ба зерфаслҳо ҷудо гардидаанд. Дар фасли якуми боби сеюм, ки “Ибораҳои номии пешояндӣ” ном гирифтааст, ибораҳои номӣ бо пешояндҳо таҳқиқ шудааст. Фасли дуюми боби сеюм «Ибораҳои номии изофӣ» унвон дорад, ки дар бораи алоқаи изофӣ дар ибора маълумоти муфассал дода шудааст. Алоқаи изофӣ яке аз хелҳои маъмул ва қадимтарини воситаи синтаксисии ибораҳои забони тоҷикӣ мебошад. Фасли сеюми боби сеюм «Ибораҳои номии алоқаи ҳамроҳӣ» ном дорад. Ин фасли кор низ аз чаҳор зерфасли алоҳида иборат мебошад. Дар ин фасли диссертатсия сухан дар бобати алоқаи ҳамроҳӣ ва роҳҳои иборасозии онҳо рафтааст, ки дар он муқаққиқ мисолҳои фаровонеро мавриди корбаст қарор додааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ дар 12 банд ҷамъбаст гардидааст.

Хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби муҳаққиқ дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 7 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба чоп расидааст.

Дар баробаи ин дар автореферати диссертатсия чанд носаҳеҳиву норасоӣ ва камбудиву ғалатҳо ба назар мерасад, ки чанде аз онҳоро барои беҳбудии мухтавои диссертатсия пешниҳод менамоем:

1. Дар раванди ҷамъоварии мавод ба хусус мисолҳо хуб мешуд, ки ибороаҳои овардашударо каме зиёдтар шарҳ додан ба фоидаи кор буд.

2. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферати диссертатсияи мазкур ғалатҳои услубиву имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд (5, 17, 18, 34 ва ғ.).

Эродҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро кам намекунад ва ислоҳшаванда буда, диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи "Вижагиҳои ибораҳои номӣ ,дар насри мусаҷчаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)" таҳқиқи анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

н.и.ф., ходими илмии Институти гуманитарии Хоруғ ба номи академик Б.Искандарови АМИТ — Назаршоева Чилла Раҳимбековна

«12» майи соли 2025

Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хоруғ, У.Холдоров 1.
Тел.: (+992) 935 261982
E-mail: chilla1982@mail.ru

Имзои Назаршоева Чилла Раҳимбековнаро тасдиқ мекунам:

Нозири калони кадрҳои Институти гуманитарии Хоруғ ба номи академик Б.Искандарови АМИТ — Садоншоев Тоҳир Музофиршоевич

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хоруғ, У.Холдоров 1.
Телефон: (+992) 777078286.
«13» майи соли 2025.